**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
________ Гулназарзода Жило Бурӣ
«30» ________ соли 2022

# ХУЛОСАИ

**кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон**

Ҳангоми таҳияи диссертатсия Шамсудинова Махтовбӣ Абдуалимовна аспиранти кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода буда, дар Донишкадаи мазкур ба ҳайси омӯзгори забони тоҷикӣ кору фаъолият мекард.

Соли 2013 Шамсудинова М.А. факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро хатм карда, дорандаи диплом аз рӯйи ихтисоси "муаллими забон ва адабиёти тоҷик" гардид.

Роҳбари илмӣ – Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон, доктори илмҳои филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъин гардидааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 12 октябри соли 2022, таҳти №1/703 аз тарафи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дода шудааст.

Мавзуи диссертатсияи мазкур таҳти унвони **«Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)»** дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 24 ноябри соли 2018, таҳти № 4/3-1 тасдиқ шуда, дар кафедраи забони тоҷикӣ иҷро гардидааст.

**Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима чунин хулоса карда шуд:**

Диссертатсияи Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна ба омӯзиши яке аз масъалаҳои дар самти таълим ва илми филологӣ бисёр мубрам, яъне ба таҳлили ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш) бахшида шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ҳангоми омӯзиши ономастикаи асарҳои бадеӣ на фақат доираи истеъмоли номҳои қаҳрамонҳо ва шаҳру деҳаҳо муайян мегардад, балки тавассути он минтақаҳои ҷуғрофии замони иншо гардидани асари бадеӣ, фазои муайяни амалигардии воқеаҳо дар асар ва ҳақиқати таърихии он маълум карда мешавад.

Дар рисола бори нахуст дар бораи ономастикаи асарҳои Аҳмади Дониш таҳқиқот ба анҷом расидааст, ки барои омӯзиши мавқеи номҳои хос дар насри охири асри ХХ кумак мерасонад.
Дар осори Аҳмади Дониш номҳои ашхос, давлатҳо, тахаллусу лақаби одамон, лақаби ҳайвонот, номҳои шаҳру деҳот, баҳру дарёҳо, ҷирмҳои осмонӣ, офатҳои табиӣ ва ғайра хеле зиёд ба назар мерасанд.

**Мақсади таҳқиқот.** Мавриди зикр аст, ки роҷеъ ба ономастикаи осори Аҳмади Дониш то кунун таҳқиқоти алоҳидае ба анҷом нарасидааст. Дар рисола мақсад гузошта шудааст, ки аз нигоҳи забонӣ ономастикаи осори ин мутафаккири нотакрорро мавриди таҳқиқ қарор гирад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ба мақсаду ҳадафҳои дар назди худ гузошташуда, ҳаллу фасли вазифаҳои зерин дар мадди назари мо қарор дорад:

- муайян кардани дараҷаи тасвири ҳудуди таърихӣ- ҷуғрофии Мовароуннаҳр ва ақсои олам, ки дар осори насрии Аҳмади Дониш зикр гардидаанд;

- нишон додани вижагиҳои луғавию маъноии антропонимҳо дар осори Аҳмади Дониш аз қабили:

а). баррасии хусусиятҳои луғавии гидронимҳо, оронимҳо ва астронимҳои осори насрии Аҳмади Дониш;

б). муайян кардани нақши анҷомаҳои топонимсоз ва ҷанбаҳои забонии онҳо дар таркиби топонимҳо;

в). муайян намудани қабатҳои забонии антропонимҳо дар осори Аҳмади Дониш;

г). пажуҳиши номвожаҳои ҷирмҳои осмонӣ дар осори насрии Аҳмади Дониш;

ғ). баррасии хусусиятҳои сохтории номшиносӣ дар осори насрии Аҳмади Дониш.

**Навгонии таҳқиқот.** Дар диссертатсия ономастикаи насри Аҳмади Дониш мавриди таҳқиқ қарор гирифта, асосан, бори нахуст антропонимҳо ва топонимҳои осори фалсафӣ ва бадеии Аҳмади Дониш аз нигоҳи маъно, вежагиҳои луғавӣ ва сохтор мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявӣ дар он аст, ки бори нахуст дар боби ономастикаи асарҳои насри фалсафӣ ва таърихии маорифпарвари тоҷик Аҳмади Дониш таҳқиқот ба анҷом расидааст. Маводи ономастикии осори Аҳмади Дониш дар мавриди ҷаҳонбинӣ ва дараҷаи фаъолияти нависанда дар замони худ, аз зумра мавзеъҳои сафарнамудаи Дониш, ҳамсуҳбатон ва ашхоси воқеию тахайюлие, ки дар наср оварда шудаанд, маълумот медиҳад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисос: 10.02.19 – Назарияи забон мутобиқат менамояд.

**Тасвиби амалии натиҷаи таҳқиқ.** Муқаррароти асосии рисола дар маърузаҳо дар конфронсҳои донишкадавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баён шудаанд. диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи

давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима карда шудааст.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ.** Дар асосу заминаи омӯзишу таҳқиқи илмии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, асосу заминаҳои амалию назариявии таҳқиқотӣ, таҳия ва омода намудани мақолаю маърузаҳои илмӣ ва усулҳои муосири омӯзиши номшиносиро истифода карда, ҷанбаҳои забоншиносии номвожаҳои осори бадеиро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 12 мақола, аз ҷумла, 9 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар шакли маърузаи илмӣ дар маводи конфренсияҳои илмию амалӣ рӯйи чоп омадааст, ки ин нишондод яке аз дастовардҳои асосии унвонҷӯ дар ин самт ба ҳисоб меравад.

**А) Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М] Шамсудинова, М.А. Сохтори топонимияи «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш / М.А. Шамсудинова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар [Матн]. - Бохтар, 2018 - №1/4(57). - С. 22-26. ISSN 2663-5534.

[2-М] Шамсудинова, М.А. Номвожаҳои ҷисмҳои осмонӣ дар «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш /М.А.Шамсудинова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар [Матн]. – Бохтар, 2018 – №1/4(57) – С. 34-38. ISSN 2663-5534.

[3-М] Шамсудинова, М.А. Қабатҳои забонии антропонимия дар осори Аҳмади Дониш / М.А.Шамсудинова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар [Матн]. – Бохтар, 2019 - №1/4(68) – С. 24-27. ISSN 2663-5534.

[4-М] Шамсудинова, М.А. Сохти антропонимия дар «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш / М.А.Шамсудинова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар [Матн]. – Бохтар, 2019. – №1/3 (65) – С. 82-86. ISSN 2663-5534.

[5-М] Шамсудинова, М.А. Антропонимҳои мураккаб ва таркибӣ дар насри Аҳмади Дониш / М.А.Шамсудинова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар [Матн]. – Бохтар, 2020.№1/4(80. – С. 13-18. ISSN 2663-5534.

[6-М] Шамсудинова, М.А. Шарҳи баъзе аз номҳои ҷуғрофӣ дар осори Аҳмади Дониш / М.А.Шамсудинова // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих [Матн]. – Душанбе, 2020.№3(39) – С. 42-49. ISSN 2226-9355.

[7-М] Шамсудинова, М.А. Гидроним ва оронимҳо дар «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш /М.А.Шамсудинова // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих [Матн]. – Душанбе, 2020. №4(40) – С. 89-95. ISSN 2226-9355.

[8-М] Шамсудинова, М.А. Таҳлили номвожаҳои Фетербурх, Искандария, Кустантия / М.А.Шамсудинова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ [Матн]. – Душанбе, 2021.№5 (65) – С. 21-25 . ISSN 2219-5408.

[9-М] Муҳаммадҷонзода, О.О. Назаре ба баъзе топонимҳои иқтибосӣ дар осори Аҳмади Дониш / О.О. Муҳаммадҷонзода, **М.А. Шамсудинова** // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ [Матн]. – Душанбе, 2021. - №6 (95) – С. 18-22. ISSN 2219-5408.

**Б) Мақолае, ки дар нашриёҳои дигар чоп шудаанд:**

[10–М]. Джамирова Л.И., Шамсудинова, М.А. Ономатопы в русском языке: структурно семантическое описание. [Матн] / М.А. Шамсудинова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантон, магистрантон ва донишҷӯёни ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами филология, ҷомеашиносӣ ва фанҳои табиӣ-риёзӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ» ба ифтихори рӯзи илми тоҷик (11.04.2021-13.04.2021). – Душанбе, 2021. – С. 170-172. ISBN-978-99985-64-49-52

[11–М]. Шамсудинова М.А. О морфологической структуре антропонимии в произведениях Ахмада Дониша [Матн] / М.А Шамсудинова // Забон ва адабиёти рус дар шароити муосир: (Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, (Душанбе, 12 марти соли 2021 г.). – Душанбе: ДМТ, 2021. – С. 323-331

[12–М] Шамсудинова М.А. Мулоҳизаҳо дар мавриди масъалаҳои ономастика дар осори бадеӣ. [Матн] /М.А.Шамсудинова // Масъалаҳои мубрами забони русӣ ва забони англисӣ дар шароити кунунӣ (Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ ДДЗТ (18.06.2021). – Душанбе, 2021. – С. 356-360. ISBN-978-99985-64-00-8

**Сохтори диссертатсия.** Рисола аз муқаддима, се боб, зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Пайдарпайии бобҳо аз рӯйи мантиқи таҳқиқот ва вазифаҳои дар назди рисола гузошташуда муайян карда мешавад.

Дар муқаддима сабаби интихоби мавзуъ ва аҳамияти таҳқиқи мавзуи интихобшуда асоснок карда шудааст, объект, мавзуъ, ҳадаф, вазифа ва усулҳои таҳқиқот, навигарии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастоварда, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда нишон дода шудаанд.

Дар боби аввал «**Таҳлили назарявӣ ва амалии ономастикаи осори Аҳмади Дониш**» назарияи ономастика аз нигоҳи забоншиносии муосир баррасӣ шуда, таснифоти гуногуни ономастикӣ оварда шудаанд. Ва аз ҷанбаҳои омӯзиши ономастикаи осори Аҳмади Дониш маълумот дода шудааст. Ҳамчунин, зимни такя намудан ба маъхазҳо муайян карда шудааст. Ва илми ономастика имрӯз ба корбурди забоншиносон қарор дорад.

Дар боби дуюм «**Қабатҳои забонии номвожаҳои осори Аҳмади Дониш**» ба масъалаи таҳлили муқоисавии забон, расму оин, оини қадимии эрониён аз ягонагӣ ва наздикии онҳо гувоҳӣ медиҳад. Омӯзиш ва муқоисаи забонҳо равшан нишон дода, фасли аввали он "Номвожаҳои эрониасос аз осори Аҳмади Дониш» номида шуда, аз давраҳои хеле қадим номи мавзеҳо бо номи қавмҳо, халқиятҳо, кӯҳҳо ва дарёҳо гузошта мешаванд. Топонимҳои хоси забони тоҷикӣ низ баёнгари таърихи ташаккулёбӣ ва ҷойгиршавии мавзеҳои тоҷикнишин мебошанд. Ин шаҳрҳо ва минтақаҳо дар тӯли таърих дар тамаддуни ҷаҳонӣ маъруф гардидааст. Қариб ҳамаи ин топонимҳо дар сарчашмаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабӣ ва фарҳангҳо бинобар таърихи кӯҳан доштан омадааст:

Дар боби сеюм «**Таҳлили сохтории ономастикаи осори Аҳмади Дониш**». Таркиби номвожаҳои осори Аҳмади Дониш дар омехтагӣ бо ному насаб, кунният ва мавзеи ҷуғрофӣ ҷузъҳои зиёдеро дар бар мегиранд. Аз ҷумла, номи худи мутафаккир чунин баён гардидааст: «Аммо баъд чунин гӯяд бандаи

«заифалмуфтақиру ило афви раббиҳи – л - борӣ – Аҳмад ибн-ан-Носир ас - Сиддиқӣ (ал-хифо) ал - Бухорӣ» [155, с.20]. Аҳмад – номи мутафаккир, - Носир ё худ Носируддин насабаш, ас-Сиддиқ – пайрави ҳанафӣ ва Ал- Бухорӣ - зодаи Бухоро.

Дар **хулоса**, натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, муқаррарот ва хулосаҳои асосӣ ва дурнамои омӯзиши минбаъдаи масъала оварда шудаанд.

Диссертатсияи Шамсудинова М.А. дар мавзуи **«Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)»** таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад ва ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул карда шудааст.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар**
**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор 10- нафар, муқобил- 0 нафар, суратҷаласаи №9/2, аз 27 апрели соли 2022

Раиси ҷаласа: мудири кафедраи забони тоҷикӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Усмонова Мунаввара Холиқовна

Котиби ҷаласа: — Ғуломалиева Рузафзун Қувватбековна

Имзоҳои М.Х.Усмонова ва
Р.Қ. Ғуломалиева-ро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ
ба номи Сотим Улуғзода — Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович

**Нишонӣ:** 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003; Сомона: www.ddzt.tj